Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Мансурӣ Шодмон Ҷамолиддинзода дар мавзӯи «Иҷрои уҳдадориҳои пулӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

Мавзӯи интихобкардаи муҳақиқ – Мансурӣ Шодмон Ҷамолиддинзода ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи гражданӣ ва соҳибкорӣ бахшида шудааст. Боиси тазаккур аст, ки ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ иваз гардидани низоми иқтисодиёти мамлакатро замина гузошта, давлат бошад, озодии фаъолияти иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарӣ ва ҳифзи ҳуқуқии тамоми шаклҳои моликият, аз ҷумла, моликияти хусусиро кафолат медиҳад. Пушида нест, ки дар низоми ҳуқуқӣ Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ғояҳои ҳуқуқи хусусиро эҳё намуда, боиси такмили институтҳои ҷойдоштаи ҳуқуқӣ ва ба вуҷуд омадани институтҳои нав, аз ҷумла, институти уҳдадориҳои пулӣ гардид. Речаи ҳуқуқии уҳдадориҳои пулӣ бо дарназардошти талаботи кунунии муомилоти бозорӣ дар қонунгузории гражданӣ, соҳибкорӣ ва пеш аз ҳама, дар меъёру муқаррароти КГ ҶТ оид ба иҷрои онҳо (шартҳои иҷро, оқибатҳои ба таъхир андохтани иҷро, ҷавобгарӣ барои иҷро накардан ва бо таври матлуб иҷро накардани онҳо ва ғайра) муқаррар карда шуд.

Мақсад аз бозгуии ҳолати амалкунандаи қонунгузории гражданӣ нисбат ба масъалаҳои ҳалнашуда, аз ҷумла, таъсири тағйиротҳо ба қобилияти харидории пул ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои пулӣ, табиати фоизҳое, ки ҳангоми пешпардохт ҳисоб карда мешаванд, ҳисоби фоизҳо вобаста ба маблағи зиён ва ғайра. Бояд қайд намуд, ки аз лиҳози назариявӣ дар адабиёти ҳуқуқи гражданӣ асосан, масъалаҳои иҷрои уҳдадориҳои пулӣ, ҷавобгарӣ барои иҷро накардан ва ба таври матлуб иҷро накардани онҳо ва чанде дигар масъалаҳо баррасӣ шудаанд. Вале мафҳуми уҳдадориҳои пулӣ, ҷойи он дар низоми уҳдадориҳо, намудҳои гуногуни онҳо мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст, ки воқеан мавзӯи интихобнамудаи муаллиф мубрам ва ба талаботи замон ҷавобгӯ мебошад.

Ҳарчанд дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ба низом даровардани иҷрои уҳдадориҳои пулӣ муайян шуда бошад ҳам, аммо дар муносибатҳои ҷамъиятӣ то ба ҳол мураккабӣ дар муносибатҳои молумулкӣ тақозои онро мекунад, ки рушди қонунгузорӣ дар ин самт тақвият дода шавад.

Қобили зикр аст, ки дилхоҳ пешравӣ дар самтҳои ҳуқуқи гражданӣ ва соҳибкорӣ бидуни заминаҳои муайяни илмӣ ҷой дошта наметавонад, бинобар ин, барои расидан ба ҳадафҳо пояҳои илмии самти мазкурро бояд устувор кард.

Аз ин рӯ, муаллиф қайд менамояд, ки барои муайян кардани реҷаи ҳуқуқии уҳдадориҳои пулӣ ва иҷрои онҳо байни субъектҳо аз як тараф, ба сифати воситаи ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии соҳибкорон аз суйистифодабариҳои гуногун баромад менамояд, ки ин ҳолат дар амалияи имрӯзаи ҳуқуқ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии муносибатҳои иҷрои уҳдадориҳои пулиро бо сабабҳои ноустуворӣ ва номукамалии қонунгузорӣ баҳснок буда, аз мубрам будани мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ дарак медиҳад. Дар шароити иваз гардидани иқтисодиёти бозоргонӣ, дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ба масъалаи иҷрои уҳдадориҳои пулӣ аз нигоҳи ҳуқуқӣ таваҷҷуҳ намудан зарурат дорад. Чунки ҳангоми дилхоҳ муомилоти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла ташкилотҳои қарзӣ мушкилоти иҷрои накардани уҳдадориҳои пулӣ ба вуҷуд омада, сарсонию саргардонии шаҳрвандон ба миён меояд. Мавзӯи мазкур нав буда, то ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмии олимони ватанӣ қарор дода нашудааст (саҳ. 3-6).

Паҳлуҳои мусбати дигари кори илмии мазкур дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф ҳадафи таҳқиқотро муайян намудааст, ки таҳлили меъёру муқаррароти ба иҷрои уҳдадориҳои пулӣ дахлдоштаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои муҳими илмӣ-назариявӣ ва амалии ба иҷрои уҳдадориҳои пулӣ алоқаманд дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва таҳияи таклифу тавсияҳои дахлдор оид ба таҳкими механизми ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадориҳои пулӣ мебошад. Муаллиф дар асоси мақсади гузоштааш вазифаҳои зеринро, аз ҷумла, таҳлилу таҳқиқи мафҳумҳо ва табиати ҳуқуқӣ, муайян намудани асосҳои ба вуҷуд омадан, аниқ намудани навъҳо, таснифот, таҳлили мазмун, фоизҳо, муайян намудани мафҳум ва хусусиятҳои ҷавобгарӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳои пулӣ, асоснок намудани рӯёндани фоизҳо ҳамчун шакли ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣ барои иҷро накардани

ухдадорихои пулиро амалӣ намудааст, ки заҳматҳои ӯ боиси дастгирӣ мебошад (саҳ. 7).

Ҷиҳатҳои дигари мусбати таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф дар навгониҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда дарҷи худро ёфтаанд, ки онҳо метавонанд барои боз ҳам самарабахш ва ба таври дахлдор танзим намудани муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти иҷрои уҳдадориҳои пулӣ саҳми худро гузоранд.

Дар дилхоҳ таҳқиқоти диссертатсионӣ сабку услуби хоси муаллифи он фарққунанда мебошад, аз ин рӯ, шояд на ҳамаи ақида ва пешниҳодҳои муаллиф барои хонандагон ошкор бошад. Бинобар ин, муаллифро зарур аст, ки ҳангоми ҳимоя вобаста ба баъзе нуктаҳои алоҳидаи таҳқиқот ба таври мушаххас изҳори назар намояд. Аз ҷумла:

1. Оид ба зербанди шашуми навгонӣ муаллиф пешниҳод менамояд, ки ҳамчун қоида, лаҳзаи иҷрои уҳдадории пулӣ аз рӯи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, лаҳзаи гирифтани воситаҳо (маблағҳо)-и пулӣ аз тарафи бонки кредитор ба ҳисоб меравад. Ҳангоми ҳисобаробаркуниҳо аз рӯи инкассо бошад, муштарӣ ба бонки худ (бонки эмитент) ҷиҳати аз ҳисоби ӯ анҷом додани пардохт супориш медиҳад. Азбаски дар Кодекси граждании ҶТ лаҳзаи ба таври дахлдор иҷро кардани уҳдадориҳои пулӣ ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи шакли инкассо муайян нашудааст ва чунин ҳолат боиси мушкил гардидани иҷрои уҳдадориҳои пулӣ аз ҷониби шарикони қарздор мегардад, муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар КГ ҶТ лаҳзаи иҷрои уҳдадории пулӣ вобаста ба пулҳои ғайринақдӣ, лаҳзаи аз суратҳисоби бонки пардохткунанда баровардани маблағи қарз ҳисобида шавад. Масъалаи мазкур баҳснок буда, аз муаллиф талаб менамояд, ки андешаи худро ҳангоми ҳимоя асоснок намояд (саҳ. 11).

Инчунин, пешниҳоди дигари муаллиф дар таҳрири зайл баён намудани банди г) моддаи 339 КГ ҶТ ҷиҳати боз ҳам аниқтар намудани ҷои иҷрои уҳдадориҳои пулӣ аз рӯйи уҳдадории вобаста ба пардохти маблағҳои пули нақдӣ – дар ҷои истиқомати кредитор ё агар кредитор шахси ҳуқуқӣ бошад, дар ҷои ҷойгиршавии он дар лаҳзаи ба вуҷуд омадани уҳдадорӣ; агар кредитор то лаҳзаи иҷрои уҳдадорӣ ҷои истиқомат, ё будубошашро иваз карда, қарздорро дар ин бора огоҳонида бошад, пас ҷои нави истиқомат, ё будубоши кредитор ва аз ҳисоби кредитор баровардани ҳамаи хароҷоти вобаста ба ивази ҷои иҷро, боиси дастгирӣ буда, барои ба низом даровардани фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва муносибатҳои маданӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Қобили зикр аст, ки ҳолатҳои зикршуда баҳснок буда, мазмун ва мухтавои таҳқиқоти илмиро коста наменамояд. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло аз рӯйи автореферати мазкур, дар маҷмӯъ метавон хулоса баровард, ки диссертатсияи таҳия намудаи Мансурӣ Шодмон Ҷамолиддинзода дар мавзӯи «Иҷрои уҳдадориҳои пулӣ» кори илмии анҷомёфта ба шумор рафта, ҷавобгӯи ҳаммаи табаботҳои бандҳои 10-16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
мудири шуъбаи масоили назариявии давлат
ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Removed Бобоҷонзода И.

Нишонӣ: Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33, Телефон: +(992) 221-03-28, Email: info@anrt.tj

Имзои И. Бобоҷонзодаро тасдиқ мекунам,
сардори шуъбаи кадрҳои Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А.Баҳоваддинови АМИТ Давлатмуродзода Б.